**ПИРӮЗӢ АЗ ТЕРРОРИЗМ ИН ПИРӮЗИИ СИЁСИИ ҲАР ЯК ДАВЛАТ АСТ!**

*«Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем.»*

***Эмомалӣ РАҲМОН***

Имрӯз Тоҷикистон бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдат, пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар раванди инкишофи маориф ислоҳот гузаронида, гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълимро амалӣ карда истодааст. Ин ташаббуси бузурги сардори давлат дар самти инкишофи соҳаи маориф ва илм мебошад.

Дар идомаи гузориши худ, мо зарурияти сиёсӣ, зеҳнӣ, иқтисодӣ, психологӣ ва фарҳангии гузаштан ба муносибати бо салоҳият ба таълимро равшан карданием.

Дар таърихи бани башар аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ танҳо илм бартарияти худро нишон дод ва дар хизмати инсоният буд. Маҳз илм инсонро аз ғор баровард, манзилу шаҳр офарид, қонунро офарид, ки ба ҷомеаи инсонӣ низом бахшид, давлат бунёд намуд, фарҳанг эҷод кард, ки тарафи маънавии ҳаёти инсонро офарид ва ӯро аз фарти ҳайвонӣ дур кард ва дар шинохти мақом ва манзалати худ ва асли худ инсонро раҳнамо шуд.

Илм дар пояи рушди маориф пеш меравад ва маориф барои тайёр кардани мутахассисони илм хизмат мекунад. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳон бисёр кишварҳо аз ҷангҳои беамон хаста шуданд, ақлу хирад онҳоро ба суйи инкишофи маориф ва илм равон намуд. Имрӯз абарқудратмандтарин давлатҳо аз лиҳози иқтисодиёт ба монанди Чин, Олмон, Ҷопон, Кореяи ҷанубӣ, Амрико бо такя ба рушди маориф ва илм хоҷагони зеҳн шудаанд ва барои мардуми худ зиндагонии шоистаро муҳайё намуданд.

Тоҷикистон кишвари кӯчаке аст, он қадар бойгариҳои зиёде надорад, пас чаро ин қадар душманҳои пуриқтидор дорад. Сабаби асосӣ дар бузургони мост, ки илму фарҳанги ҷаҳонгир офарида буданд. Тоҷикон миллати тамаддунофар буданд, абармардони илму фарҳанг, шоирони тоҷик дар рушди тамаддуни умумибашарӣ хизматҳои бузурге кардаанд. Душманони миллати тоҷик бошанд, он дастовардҳои илмӣ, фарҳангӣ ва адабии тоҷиконро аз худ карданд. Акнун имрӯз номи ин абардмардҳоро аз худ кардан мондааст. Чунончи, Туркия кишвари абарқудрат ва пешрафта аст. Дар маркази Истамбул пайкараи бузурги

Ибни Синоро бо унвони олими бузурги турк гузоштаанд. Танҳо ба хотири аз Ибни Сино ифтихор кардан қудрати таҳамули мавҷудияти моро надоранд.

Мо ғараз ва амали воқеиро дар фаъолияти Ҳизби нахзати ислом худ шоҳид гаштем. Дар ҷанги шаҳрвандӣ фаъолияти ин ҳизб бузург буд ва баъд аз мусолиҳаи миллӣ дар давраи осоишта ҳадаф ва симои аслии худро нишон дод. Дар ҳали ягон мушкилоти ҷомеа кӯмаке намекарданд ва бараъкс мушкилоте меофариданд, ки аз президенти кишвар, хадамоти қудратӣ, шаҳрвандони оддӣ сар карда ҳама ба табобати сар машғул буданд. Дар муносибат ба илм онҳо бо бузургони мо нишондиҳии ҳадафи ғаразнок ва пинҳонии худро рӯи ҷо оварданд. Ба ақидаи онҳо Рӯдакӣ, Қарматӣ, Ибни Сино кофир ва бидъат, Носири Хисрав кофири муртад, Ҳофизу Хайём ринду бехудо ва ғайра. Агар мо дунёи маънавӣ, афкори фалсафӣ ва андешаҳои инсондӯстии бузургони форсу тоҷикро аз ислом ҷудо намоем, дар ислом фақат шамшер, афсонаҳою ривоятҳо мемонад. Пас маълум аст, ки ин ҳизб аз исломи мутаммадин чизеро аз тариқи донишу илм пешниход накард. Масчидҳо ба тарабхонаҳо мубаддал гаштанд. Ҷиҳати дониши илм сухан танҳо аз афсонаву ривоятҳои асримиёнагии хурофотӣ мерафт. Воизоне, ки хеле аз ҷиҳати равонӣ мусаллаҳ буданд, дар масҷид, кӯчаҳо, бозорҳо, маъракаҳо мардумро дар зери фазоҳои хурофот ва ҷаҳолат нигоҳ медоштанд. Дар иқтисод ва фарҳанг низ пешниҳоде надоштанд ва фарҳанги асри миёнагиро тарғиб намуданд. Он арзишҳои илм ва илми башардӯстонаи бузургони мо барои онҳо нозарур буданд ва нобуд кардани он ҳадафи сиёсии эшон буд.

Пирӯзӣ аз болои ин ҳизби террористӣ ин пирӯзии сиёсии ҳақиқии давлат аст ва минбаъда ҳадафи сиёсии ҳукумат, таълими рушди маориф дар такя ба арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ, ақоиди таҳаммулпазирӣ, башардӯстона, ки онро бузургони мо офаридаанд, асоси рушди маорифро ташкил медиҳад.

**Файзуллоева Иноят** – ходими пешбари илмии шуъбаи коркард, татбиқи технологияи инноватсионии таълим (таҳсилоти 12-сола)